**Заминаҳои эмпирики таҳқиқотро**омузиши адабиёти илмӣ-методии марбут ба мавзуъ, омузиши адабиёти умумӣ-дидактикӣ ва назариявӣ оид ба педагогика, психология ва методикаи таълим; омухтан ва истифодаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ; ба мушоҳида гирифтани раванди таълиму корҳои тарбиявӣ, омӯзишва таҳлилу баррасии таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорон, роҳбарони синфҳо, ташкилотчиёни корҳои таълиму тарбияи муассисаҳои маълумоти миёнаи умумӣ, кормандони соҳаи маориф ва илми мамлакат, истифода аз методҳои эмперикӣ - суҳбат ва саволномаҳо бо муаллимону мактаббачагон, ташкил ва гузаронидани озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда; таҳлилу ҷамъбасти далелу маълумоти дар ҷараёни озмоиш бадастомада ватаҳлилуарзёбиимуқоисавиинатиҷаҳоионҳо, мушоҳидаипедагогӣ, мусоҳибаҳо ва ғ.ташкилмедиҳанд.

**Пойгоҳи озмоишии таҳқиқот. Корҳои таҳқиқотро**муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 37, 92 н. Сино, № 55 н.Шоҳмансур, гимназияи тоҷикӣ-русии ба номи А.С. Пушкини н. Рӯдакӣ,МТМУ № 1 ш. Роғун, литсейи № 1 ш. Ёвони вилояти Хатлон ташкил мекунанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- кушодани ғоя ва таҷрибаи ахлоқию ақлии ташаккулисифатҳо ва арзишҳои маънавии шахсиятихонандагон;

- нишондоди намунаҳои ҷустӯии педагогии низоми эҷодӣ, моҳият ва муносибати комплексии нкишофи маънавии хондагон, сифатҳо ва арзишҳои умумиинсонӣ;

- сурътафзоиираванди инкишофи маънавии хонандагон дар замони муосир, рушду такомуливасеъгардонии тасаввуротиамалӣ ва такмили дараҷаи дониши хонандагон вобаста ба усулҳоиҳамгироӣ, интерактивӣ.

-муқарраргардонии маърифат вобаста ба технологияи иттилоотӣ;

- кушодани моҳияти мафҳуми «сифатҳои маънавӣ» ва «арзишҳои маънавӣ»дар доираи назария ва амалияи тадбиқи инноватсияи педагогӣ;

- муқаррарсозии низоми комплексӣ ва бонизомитаълиму тарбияи маънавии хонандагон.

**Нуктаҳои асоси баҳимоя пешниҳодшаванда:**

- асосҳои назариявӣ ва амалии ташаккули сифатҳо ва арзишҳои маънавии хонандагон дар алоқамандӣ бо мероси педагогии халки тоҷик;
- омилҳои методологии ташаккули сифатҳо ва арзишҳои маънавии шахсияти хонандагон дар раванди таълиму тарбия;
- таърихи инкишофи равияи зардуштӣ ва тамоюли таъсирбахши он дар ташаккули сифатҳо ва арзишҳои маънавии хонандагон;
- шакл ва усулҳои ташаккули сифатҳо ва арзишҳои маънавии хонандагон дар асоси ғояҳои педагогии афкори ниёгон ва педагогикаи халқӣ;
- эътиборнокӣ ва тамоюлоти мухолифатомези мундариҷаи таълиму тарбияи маънавии хонандагон;
- шартҳои назариявӣ ва амалии рушду такомули самарабахши сифатҳо ва арзишҳои маънавии шахсияти хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон;
- имконпазирии омӯзишии таълимоти ватанӣ ва хориҷи ҳамчун асоси илмии ташаккули сифатҳо ва арзишҳои маънавии шахсияти хонандагон;
- муносибати эҷодии хонандагон ба инкишофи ақлонӣ ва зеҳнӣ дар самти таълиму тарбияи маънавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Аҳамияти назариявӣваамалии таҳқиқот**дарнишондодҳоиметодӣ, маҷмӯаҳои илмӣ, дастуру монографияҳои илмӣдоир ба инкишофи маънавии шахсияти хонандагон, рушду такомули зеҳниву маърифатии сифатҳо ва арзишҳои маънавии шахсияти хонандагон ифода ёфтааст. Пешниҳод ва тавсияҳои доир ба инкишофи маънавии шахсияти хонандагонрометавонанд роҳбарони синфҳо ва ташкилотчиёни корҳои тарбиявӣ дар ҳамкорӣ бо падару модарони хонандагон ва омӯзгорони фанниии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ истифода баранд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар омӯзиши адабиёту сарчашмаҳои гуногунмазмун вобаста ба усулҳои маърифатии назариявӣ ва таҷрибавӣ, натиҷаҳои ҷамъбастии таҳқиқот бо такя ба таҷрибаҳои ҳамарӯзаи пешқадами педагогӣ, муқарраргардонии бо ҳам вобастабуда,ҷудонашаванда ва пайдарҳамӣ ифода гардидааст.

Дар асоси ғояҳои бонизоми комплексӣ, зеҳнӣ ва маърифатии ташаккули арзишманди маънавӣ вобаста ба бартарияти азхуднамоии дониш, малака ва маҳоратирушду такмилдиҳандаи рафтору кирдори ҷамъиятии шахсияти хонандагон нигаронида шудааст.

**Мутобиқатидиссертатсиябашиносномаиихтисосиилмӣ**Диссертатсия ба бандҳоизеринишиносномаиихтисосиилмии 13.00.01 –Педагогикаиумумӣ, таърихипедагогикаватаҳсилотмувофиқатмекунад: *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушдишахсдар ҷараёнитаълим, тарбия ,таҳсилот;), *банди 5* – «Назария ва косепсияҳои тарбия" (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низомҳои педагогии тарбия; консепсияҳои этнопедагогии тарбия; робитаи мутақобилаи тарбияи шахсият ва рушди коллектив (ҷамъият);).

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот:**

-тавассути мақолаҳои илмӣ, дастуру рисолаҳои монографӣ, маҷмӯаю нишондодҳои методӣ пахн карда шудаанд;

- барномаи илмии инъикоскунандаи ташаккули сифатҳо ва арзишҳои маънавии шахсияти хонандагон муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мураттаб гардонида шудааст;

- пойгоҳи корҳои озмоишӣ ва такягоҳӣ доир ба мавзуи таҳқиқотӣ муқаррар карда шудааст;

- шаклу усулҳои ташаккули сифатҳо ва арзишҳои маънавии шахсияти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣмуайян гардонида шудаанд;

- коркари методию илмииташкилу гузаронидани корҳои озмоишӣ – таҷрибавӣ тибқи проблемаи ҷорӣ роҳандозӣ карда шудааст;

- вобаста ба натиҷагирии таҳқиқот хулосабарории илмӣ ҳосил карда шудааст.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** дар амалу фаъолиятҳои зерин зоҳир мегарданд:

- дар амсиласозӣ, иштироки фаъолонадар масъалагузориҳои мавзуӣ,баргузории озмоишҳои педагогӣ, барномарезӣ;

- дар иштирок ва бо маърузаҳо баромад кардан дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар ш. Душанбе:дар Донишгоҳи давлатии педагогӣ ба номи С. Айнӣ, филиали МГУ ба номи М.В. Ломоносов, Донишгоҳи милли Тоҷикистон;

-дар таҳия ва чопи дастуру монографияҳои илмӣ ва ба коллективи омӯзгорони ҷумҳурӣманзур гардониданионҳо;

-дар иштирок ва ироаи маъруза дар семинару конфронсҳои минтақавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои Сино, Шоҳмансури ш. Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ, Роғун, Ёвони вилояти Хатлондоир ба накши арзишҳои умумиинсонии давлати соҳибистиқлол дар ташаккули сифатҳои маънавии хонандагон».

**Интишор аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 113 интишороти муаллиф инъикеос ёфтаанд, ки аз онҳо 5 номгӯй монографияҳои илмӣ, 15 номгӯй мақолаҳои илмии дар маҷалаҳои тақризшавандаифеҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди ПрезидентиҶТ банашррасида, 5 номгӯй маҷмӯаҳои илмӣ, 2 номгӯй тарҷума аз забони русӣ ба тоҷикӣ, 18номгӯйдастурҳои методӣ ва 79номгӯй мақолаҳо ва маърӯзаҳои дар нашрияҳои педагогии назди Вазорати маориф ва илми ҶТ бачопрасида ташкил мекунанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима,чор боб,хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқотва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 325 саҳифа, феҳристи адабиѐт аз 332 номгӯй иборат буда, дар диссертатсия 17 ҷадвал ва 17 диаграмма мавҷуданд.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддимамубрамии мавзуи интихобшуда асоснок карда шуда, дараҷаи коркарди таҳқиқот, мақсад, ҳадаф, вазифа, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, усулҳо ва сарчашмаҳои илмӣ, марҳалаҳои таҳқиқот, навоварии илмӣ, моҳияти амалии кор, эътимоднокии илмӣ, тадбиқ ва натиҷагирӣ аз таҳқиқот ва нуктаҳои илмӣ барои дифоъ пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд.

Боби якуми рисола, **ки «Асосҳои назариявии ташаккули сифатҳо ва арзишҳои маънавии хонандагондар алоқамандӣ бо мероси ниёгон»** номгузорӣ шудааст, таърихи инкишофи адабиёти тоҷик, санъат ва фарҳанг, эҷодиёти шифоҳии мардумӣ, асримиёнагӣ, ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии асримиёнагӣ, такмили ҳунарҳои мардумӣ, мактабҳои динӣ - масҷиду мадраса ва муассисаҳои таълимии хусусӣ таҳқиқ карда шудаанд, ки ба мундариҷаи педагогикаи халқӣ(этнопедагогика) низ алоқамандӣ доранд.

Рушду такомули макотиби таҳсилотиумумӣ, маҳфилҳои адабӣ-илмӣ, истифодаи васеъи педагогикаи халқӣ, гуфтори пандомӯз ва афкори шоиру нависандагони асримиёнагӣ, олимону донишмандони муосир проблемаи сифатҳо ва арзишҳои маънавии таълиму тарбия ва маълумотро ифода мекунанд. Истифодаи педагогикаи мардумӣ низ дар ҳамин самти таълиму тарбияи маънавии насли наврас пойдевори рушду такомули маънавии хонандагон маҳсуб мегарданд.Дар ин самт академик А.Э. Измайлов қайд кардааст, ки дар ганҷинаи маънавии халқ забони моларӣ наздиктарин ифодагари манбаи дониш буда, тифли хурдсол ҳанӯз аз гаҳвора аввалин маротиба оламро бо суруди меҳрангези модардарк мекунад.Дар суруди «Алла»-и тоҷикӣ орзую омоли модар бо солиму зиракӣ ва хушбахтию ростгорӣ дидани кӯдаки хеш зоҳир мегардад:

Аллаҷонам аллаё,
Ҳаётат сурудиаллаё.
Калонаку хандон гардӣ,
Зираку ҳамадон гардӣ!

Эҷодиёти шифоҳии халқ, афкори пандомӯз, мероси ниёгон, гуфтори эпоси достони «Гуруғлӣ», тавсияҳои динӣ-ахлоқии паёмбарон аз ҳадисҳои Алайҳ-ус-салом, , «Чахор китоб», мероси гуногунмазмуни классикони форсу тоҷик, ганҷинаҳои аҷоибу ғароибихалқии «Чахордарвеш», «Самаки айёр», «Саргузашти Ҳотам», афсонаи «Ҳазору як шаб» ва бисёр дигар намудҳои фолклорию динӣ-фалсафӣ барои хонандагони муассисаҳои таълимӣ омилҳои ташакули сифатҳо ва арзишҳои маънавӣ маҳсуб мегарданд.

Бо қаноатмандии баланд дар фасли тирамоҳ пас аз ҳосилғудорӣ таври анъана дар саросари кишвари тоҷикон иди Меҳргон пешвоз гирифта

мешавад. Дар тантанаи ид дар қатори калонсолон кӯдакон, наврасон ва ҷавонон низ бо рӯҳбаландӣ дар он ширкат меварзанд.. Баҳри меҳмондорӣ дастархони пурнозу неъмат мероянд. Бо суруду таронаҳои дилнишини «Ман доғ», «Майдаё», «Хирманкубӣ», иди «Ҳосилот»-ро ҷашн мегиранд.Дар тантанаи иди Меҳргон ба шахсоне, ки бештар ба ҳосилғундории меваҷот, сабзавот ва дастовардҳои полезӣ дар сафи пеш бошанд, бо туҳфаҳои идона сарфароз гардонида мешаванд.

Дар боби аввал моҳияти маънавии ҷараёни зардуштии китоби муқаддаси «Авасто» ва макоми он дар инкишофи шахсияти насли наврас дарҷ гардидааст. Марҳалаҳои асосии пойдорӣ ва рушду такомули афкори пандомӯзи «Пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек» тибқи ташаккули сифатҳо ва арзишҳои маънавии шахсияти кӯдакону наврасон муҳим арзёбӣ гардиданд.

Дар ҳамин замина ғояҳои иҷтимоӣ-педагогӣ ва психологӣ васеъ паҳн гардида,тамоюлҳои асосии минбаъдаи ташаккулдиҳии сифатҳо ва арзишҳои маънавӣдар самти таҳсилоти насли наврас ҷараён ёфтанд.

Вобаста ба он таҳлили назария ва амалияи проблемаи таҳқиқот,асосҳои методологӣ ва педагогӣ-психологӣ равандисифатҳо ва арзишҳои маънавии инсонигардониитаълиму тарбия ва таҳсилот дар ҳаёти муассисаҳои таълимӣ роҳандозӣ карда шуданд.

Ба натиҷаи таҳқиқоти донишмандони намоёни муосири назариётчӣ ва шарқшиносВ.И. Абаев,К. Айнӣ, В.В. Бартолд,И.С. Брагинский, Б. Гафуров, К. Гофман, Э.А. Грантовский, В.В. Дяконов, А.Э. Измайлов, Б.А. Литвинский, И.М. Стеблин-Каменский ва бисёре дигарон такя намуда, қайд кардан зарур аст, ки дар шароити саводомӯзии оммаи васеъи мардум таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ба инкишофи маънавии хонандагон дар самти ташаккули қобилиятҳои зеҳнӣ-интеллектуалӣва маҳорати фикрию эҷодӣ додан зарур аст.

Аксари кулли олимони номбаршуда чунин ақида доранд, ки Зардушт дар байни асрҳои 6-7 пеш аз мелоддар қисмати шарқииОсиёи Марказӣ, дар хонадони ориётабори тоҷик ҳаёт ба сар бурдааст, ки мардум ба касбу кори кишоварзӣ машғул будаанд. Мувофиқи нишондоди олимон Зардушт шахсияти афсонавӣ набуда, балки ҳамчун марди воқеӣ аз аҷдоди форсу тоҷик, то ба замони мо омада расидааст, ки онро порчаҳои парокандаи аз сарчашмаҳои «Авасто» - Ясно, Виспарад, Видведот, Яштҳо ва Готҳои даврони Сосонӣтасдиқ мекунанд. Таҳқиқи17 қисмати Готҳо дар оини зардуштииматни динии Ясно ҷой дода шудаанд, ки дар муддати якунимҳазораи асрҳои гузашта аз якзинаба зинаи дигар такомул ёфтааст.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар бисёр муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мамлакат гуфтору ривоятҳо, панду андарзҳои ибратомӯз,шиори пандомӯзи «Авасто» барои дастраси омӯзгорон ва хонандагони макотиби тоҷикӣ ва таълимашон бо забони русӣгардидаанд. Дар ин самт нақшаҳои мусоидаткунандаи корҳои тарбиявӣ, соатҳои тарбиявӣ, соатҳои кушоди дарсӣ, рӯзномаҳои деворӣ, семинару конфронсҳои намунавии озмоишӣ ба истиқболи 2700-солагии китоби муқаддаси «Авасто» мисоли равшани омӯзиши он маҳсуб меёбанд, ки намунаҳои панду андарзҳои

динӣ ва ҳуқуқшиносиро дар бар мегирандва баҳри ташаккули симои маънавиихонандагон муҳим роҳандозӣ карда шудаанд.

Бисёре аз шоиру нависандагони асримиёнагӣ асарҳои хешро ба олимонуфозилон, эҷодиёти ҳамасрону гузаштагони замон бахшида,баёзу тазкира муратаб месохтаанд.Олимонумаорифпарварон самтҳои икишофи маориф ва маълумот, вазъи ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ-ҷамиятии замонро дар доираи инсонгароии афкори педагогии ниёгон бо мисолҳои ибратомӯз иншо менамудаанд. Дар намунаи чунин асарҳои ибратбахши пандомӯз «Тиби маънавӣ»-и Закариёи Розӣ, «Таърихи табарӣ»-и Балъамӣ, «Донишнома»-и Абуалӣ ибни Сино, «Чаҳор китоби»-и Фаридудин Аттор, «Чахор макола»-и Низоми Арузӣ, «Бустон» ва «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк,«Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Ахлоқи Муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Тазкира»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Наводир-ул-вақоеъ»-иАҳмал Махдуми Дониш,«Мактаби кухна», «Ёддоштҳо», «Намунаи адабиёти тоҷик»-иС.Айнӣ, «Тоҷикон»-и Б. Ғафуровва бисёре дигарҳо баҳри пешбурди афкори педагогӣ, бахусус тарбияи маънавии наврасону ҷавонон дар муассисаҳои озмоишӣ ва такягоҳӣ роҳандозӣ карда шуданд.Омӯзиши эҷодиёти шифоҳии мардумӣ, педагогикаи халқӣва асарҳои дорои ғояҳои баланди пандомӯзи классикони форсу тоҷик манбаи дониш ва рушду такомули сифатҳо ва арзишҳои маънавии шахсияти хонандагони муассисаҳои таълимӣ гардиданд.

Дар боби дуюми рисола, кибо унвони **«Инкишофи маънавии хонандагон дар раванди гуманизатсиякунонии кори таълиму тарбия»** номгузорӣ карда шудааст, самтҳоии иҷтимоӣ- педагогии сифатҳо ва арзишҳои маънавии шахсияти хонандагон, ҳамоҳангсозии ҷараёни таълиму тарбияи маънавӣ дар доираи истифодаи усулҳои интерактив,дигаргунсозии мундариҷаи таҳсилот, муносибати бонизом ва коимлексии таълим ба инкишофи маънавии хонандагон, амалияи ҳамгироии таълим ҳамчун шакли самарабахши тарбия ва таҳсилоти хонандагонтаҳқиқ карда шуданд.

Назария ва амалияи проблемаи таҳқиқоттаҳлил карда шуда,мушкилоти аз давраи ҷанги гражданӣ боқимонда бартараф карда шуданд.Дигаргунсозии методологияи гуманизатсиякунонӣ ва раванди педагогӣ- психологии сифатҳо ва арзишҳои маънавии шахсияти хонандагон дар ҷараёни таълиму тарбия ва таҳсилот вобаста ба роҳҳои тадбиқи он дар амалияи муассисаҳои таълимӣ роҳандозӣ карда шуданд.

Хотирасон бояд кард, ки аз соли 1991 сар карда пас аз соҳибистиқлол гардидани мамлакат васар задании ҷангҳои бародаркӯш мисли дигар соҳаҳомаориф ва таҳсилотро низ бухрони иқтисодӣ фаро гирифт. Мувофиқи нишондоди оморӣ дар натиҷаи ҷангҳои таҳмилӣ 55000 кӯдакон ятим гардида,26000 занҳо бешавҳар монданд, 195000 нафар ба шаҳру ноҳияҳои хориҷи кишвар – ИДМ кӯчиданд,20% мактабҳо ғорат гардида вайронаю хароб гардиданд, 500 муассисаи таълимӣ дар ҳолати эҳтиёҷманд ба таъмиру азнавсозӣ ва ҷиҳозониитехникию барқӣ монда буданд. Аз сабаби паст будани музди меҳнат бисёри омӯзгорон муассисаҳои таълимиро тарк намуда, ба

соҳаҳои сердаромад гузаштанд, кинарасидани кадрҳои педагогӣ боиси мушкилоти сахти буҳронӣ гардид. Ҳамин тариқ, дар соли таҳсили 2001-2002 дар ҷумҳурӣ 12999 нафар омӯзгорон намерасиданд. Аз 94000 омӯзгорони боқимонда 10% онҳо бо малумоти миёна дар муассисаҳои таълимӣ кору фаъолият менамуданд.

Мувофиқи нишондоди оморӣ Тоҷикистон дар соли 2005байни 175 малакати ҷаҳон аз ҷиҳати пешрафти иқтисодӣ дар ҷойи 103 меистод, ки 64 % аҳолӣ ҳайати камбизоатонро ташкил мекарданд. Таҳлилҳои хароҷоти хоҷагидории оилавӣ то соли 2005 нишон медиҳанд, ки воситаҳои музди бадастовардашуда танҳо ба харидории таҷҳизоти зарурии оилавӣ басандагӣ мекард. Ҳамин тариқ, хурокворӣ барои рӯзгузаронӣ ба 80,7 % баробар буд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар хоҷагидории оилавӣ аҳолии мамлакат хароҷоти рӯзгузарониро танҳо барои эҳтиёҷоти зарурӣ сарф мекарданд. Тамоми ин омилҳои манфии камбизоатии аҳолии мамлакат ба сатҳи пасти нодорию бесаводӣ ва аз муассисаҳои таълимӣдур мондани наврасону кӯдакон гардиданд. Дар натиҷа агар дар муассисаҳои озмоишӣ дараҷаи баланд, миёна ва пасти қобилиятҳои тарбиявӣ маънавӣ-зеҳнӣ, ахлоқӣ, касбӣ ва меҳнатии ба баҳои 4,3,2 баробар бошанд, пас дар муассисаҳои анъанавӣ аз инҳам бадтар ҳукмрон гардида буданд. Барои ҳамин ҳам чи тавре ки ҷадвали омории № 1 нишон медиҳад, вазъи омодагӣ ба фаъолияти маънавӣ дар ҳамаи зинаҳо низ ба сатҳи паст фаромада буданд.

**Ҷадвали 1.***Дараҷаи омодагии хонандагон ба фаъолияти маънавию зеҳнӣ, ахлоқӣ, касбӣ ва мехнатӣ*

| Дараҷаи омодагии хонандагон | Синфҳои озмоишӣ | Синфҳои назоратӣ |
|---|---|---|
| Баланд | 4 | 3 |
| Миёна | 3 | 2 |
| Паст | 2 | 1 |

Таҳқиқот нишон дод, кимоҳияти тарбиявии инкишофи маънавии хонандагон вобаста аст баон, ки хонанда дар кадом синф таҳсил мекунад. Дар ин бора чунин тағирот шаҳодат медиҳад, киаз синфи 5 сар карда, тамоюли баландравии миқдори хонандагони иштироккунанда дар корҳои тарбиявии берунназсинфӣ афзун мегарданд. Чунончи, дар синфи 5 - 31%, дар синфи 6 - 35%, дар синфи 7 41%, дар синфи 8 45 %, дар синфи 9 51%, дар синфи 10 55 %. Аз он хусус, ки хонандагони синфи 11 хатмкунандаанд,

миқдори иштирокчиёнба 25 % кам гардиданд. Фаъолиятнокии гурӯхии хонандагон ба он нигаронида шуда буд, ки дар иҷрои корҳои коллективонаи дарсӣ, беруназсинфӣбевосита мустақил ва иҷрокунанда бошанд. Ҳангоми омӯзиши реҷаи фаъолияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ фаҳмида шуд, ки онҳо ҳанӯз ба иҷрои супоришҳои моҳиятан ҷамъиятӣ омода нестанд.Вобаста ба ҳаминаз синфи 5 сар карда, шумораи иштирокчиён дар корҳои ҷамъиятии тарбиявӣ зиёда гардида, минбаъд пас аз ҳавасмандгардонии онҳо бо туҳфаҳои хотираувӣ мустақилона, фаъолона ва қаноатмандона худ фаъолият мекардагӣ шуданд. Минбаъд фаъолияти ҷамъиятии тарбиявиӣ дар корҳои беруназсинфӣ яке аз самтҳои фаъолгардонии соҳтори худидораи талабагӣгардид. Таҳлилҳо нишон доданд, ки ба чунин натиҷаи дилхоҳ расидани хонандагон, аввалан дар одаткунонии мустақилонаи фаъолияти онҳо бошад, дуюм дар алоқамандӣ бохонандагони синфҳои болоӣ дар ҳамкорӣ ба дараҷаи касбӣ ва савияи баланди дониш соҳиб гардиданашон мебошад.

Натиҷаҳои гирифташуда имкон медиҳад ба хулосае оем, киинкишофи маънавии кӯдакон ҳамчун омили ташаккулдиҳандаи дониш ва сифатҳо ва арзишҳои баланди ҳосилнамоии маълумот дар замони муосир мебошад. Илова бар он, дар фаъолияти ҷамъиятии беруназсинфӣ иқтидориталаботи маънавиихонандагонба фаъолияти касбӣ ва коллективии меҳнатӣ, кӯшиши мунтазами худфаъолиятӣ, худомӯзӣ ва худташаккулдиҳӣ дар онҳо афзун мегарданд. Вале чи тавре, ки мушоҳидаҳо нишон доданд, чунин имкониятҳои амалӣ ҳанӯз басанда набудаанд. (Ниг. ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2.*Мавқеъи падару модарон барои идомаи таҳсили фарзандон ва минбаъд такмил додани талаботи маънавии онҳо***

| Классы | Синфҳои озмоишӣ | | | Синфҳои назоратӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳайати миқдорӣ | Идомаи таҳсил | Кори пулакӣ | Ҳайати миқдорӣ | Идомаи таҳсил | Кори пулакӣ |
| У,В | 44 | 42 | 2 | 43 | 39 | 4 |
| У1, В | 45 | 44 | 1 | 46 | 41 | 7 |
| У11, В | 46 | 45 | 1 | 44 | 40 | 4 |
| У111, В | 48 | 46 | 2 | 47 | 42 | 5 |
| 1Х, В | 42 | 41 | 1 | 43 | 38 | 5 |
| Х, В | 41 | 40 | 1 | 44 | 39 | 5 |
| Х1, В | 39 | 38 | 1 | 40 | 35 | 5 |




**Диаграммаи 1.** ***Мавқеъи падару модарон барои идомаи таҳсили фарзандон ва минбаъд такмил додани талаботи маънавии онҳо***

Бо мақсади муқарраргардонии мавқеъи падару модарон барои идомаи таҳсили фарзандон ва минбаъд такмил додани талаботи маънавии онҳо ба мо лозим омад, ки марҳалаи дуюми озмоиширо ташкил кунем. Таҳлили миқдории ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки муносибати мусбии падару модарон дар синфҳои озмоишӣ назар ба синфҳои назоратӣ хеле баланд гардидаанд. Инро диаграммаи № 1 тасдиқ мекунад.

Бо мақсади ошкор намудани самаранокии кори озмоишӣ ҷиҳати ташаккули такмили касбӣ ва меҳнатии хонандагон дар раванди таълиму тарбия зинаи дуюми корҳои озмоишӣ гузаронида шуд. Ба роҳбарони синфҳо ва падару модароне, ки фарзандонашон дар чорабиниҳои гуногуни таълимӣ ва тарбиявӣ ширкат варзиданд, аз ҷониби муҳаққиқ оияндабинии ҳар як хонанда бахри расидан ба дараҷаи мутахассисони баландпоя дар соҳаҳои истеҳсолоти хоҷагии халқ баҳо дода шуданд, ки он дар ҷадвали № 3 нишон дода шудааст. Маводи зинаи дуюми озмоишие, ки дар ҷадвали № 3 омадааст, ба дараҷаи баланд расидани омодагии хонандагон ба таълиму тарбияи маънавӣшаҳодат медиҳад.

**Ҷадвали3.** ***Омодагии хонандагон ба таълиму тарбияи маънавӣ***

| Баҳо | Синфҳои озмоишӣ( %) | | Синфҳои назоратӣ (в %) | |
|---|---|---|---|---|
| | Роҳбарони синфҳо | Падару модарон | Роҳбарони синфҳо | Падару модарон |
| Намунавӣ | 56 | 53 | 32 | 27 |
| Хуб | 46 | 35 | 41 | 39 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Бавосита | 30 | 28 | 25 | 16 |

Ҳоло ҳам иштирок ба муассисаҳои таълимӣ ба дараҷаи паст буд, ки ислоҳоти соҳаро баҳри такмили сифати таълимталаб мекард. Тоҷикистон баҳри баланд гардидани самаранокию сифати маълумот кӯшишҳои ба қатори мамлакатҳои пешрафта дошт, вале дараҷаи фарогирӣ ба таҳсил ҳанӯз ҳам дар сатҳи паст қарор дошт. Нишондоди таҳқиқот то соли 1998 барои фарогирии бачагони аз синфи 4боло то 6 %, духтарон – то18 %кам ба қайд гирифта шуданд, ки назар ба деҳот дар муқоисабачагону духтарон ба 4 % ва 7 % кам гардиданд. Қисмати идомабахши корҳои озмоишии соли таҳсили 2011-2012дар доираи пурсишномаҳо эътимоднокии натиҷабахши фарогирии духтарон ва бачагонро аз синфи 4 боло то 25 % ва дар баъзе минтақаҳо то 30-26 %афзун гардониданд. Натиҷабахшии синфҳои озмоишӣ назар ба синфҳои назоратӣ баҳри фарогирии бачагону духтарон дар шароити шаҳру деҳот муътадил гардонида шуданд. Нигаред ба диаграммаи 2.




**Диаграммаи 2.** ***Фарогирии бачагону духтарон дар шароити шаҳру деҳот***

Дараҷаи иштирокба мактабҳо то соли 2005 дар ш. Душанбе ва вилоятиХатлон 83 %, ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ ва вилояти Суғд 81 % ва 85%- ро ташкил намуда бошанд, чунин ҳолаттаъсири омилҳои иқтисодӣ сабаб шуда наметавонанд. Тамоми аксарияти хонандагон, яъне 65 % сабаби пурра иштирок карданатавонистанашонро дар камбизоатӣ,мушкилоти моддӣ ва набудани манбаи барқӣ нишон доданд. Нигаред ба ҷадвалҳои омории 4,5.

**Ҷадвали 4.** ***Нишондиҳандаи иштирок ба мактаб***

| Синфҳои озмоишӣ | Миқдори иштироккунанда гон | Мусбӣ дар % | Манфӣ дар % | Синфҳои назоратӣ | Миқдори иштирокдорон | Мусбӣ дар % | Манфӣ дар % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шк. № 37 г. Душанбе, В кл. | 250 | 55 | 45 | № 37,г. Душанбе, Б кл. | 250 | 53 | 47 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| МТМУ-№ 1 ш. Роғун, В кл. | 200 | 58 | 42 | МТМУ-.№ 1г. Роғун, Б кл. | 200 | 55 | 45 |
| Лицей № 55 ш. Душанбе, В кл. | 150 | 57 | 43 | № 55 ш. Душанбе, Б кл. | 150 | 54 | 44 |
| Гимназияи ба номи А.С.Пушкинин.Рӯда кӣ, В кл. | 150 | 51 | 49 | Гимназияиба номи А.С.Пушкини н. Рӯдакӣ, Б кл. | 150 | 50 | 50 |
| Лицейи № 1 н. Ёвон, В кл. | 150 | 56 | 44 | Лицейи № 1 н.Ёвон, Б кл. | 150 | 53 | 47 |

**Ҷадвали 5. Сатҳи омодагии хонандагон ба корщои тарбиявӣ**

| Гуруҳҳо | Миқдори умумии хонандагон | Миқдори хонандагон (бо %) | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Дараҷаи баланди омодагӣ ба корҳои тарбиявӣ | Дараҷаи миёнаи омодагӣ ба корҳои тарбиявӣ | Дараҷаи пасти омодагӣ ба корҳои тарбиявӣ |
| Нишондоди назоратӣ | 200 | 83 | 56 | 45 |
| Нишондоди озмоишӣ | 200 | 94 | 71 | 68 |

Барои таъминоти барқии компютерӣ чораҳои таъҷилӣ андешида шуданд, вале мушкилот дар он зоҳир гардид, ки дар бисёр мавридҳо рӯзона муассисаҳои таълимӣ аз барқ маҳрум буданд. Мушкилот дар он пайдо шуд, ки баҳри муътадил гардонидани раванди таълиму тарбия зарурияти тағир додани нақшаҳои таълимӣ ва чорабиниҳои берунгазсинфӣстратегияи ислоҳоти соҳаи маорифро талаб мекард. Чунин тадбир ба тақсимоти дурусти захираҳои коргузорӣ ва баланд бардоштани музди меҳнати омӯзгорон мусоидат намуданд. Он гоҳ мушкилоти таълимии омӯзгорон бартараф карда шуда, аз 14- 16 соат ба 18 - 20 соат расонида шуд. Музди меҳнати омӯзгорон то 25-40 % баланд гардид. Чунин тадбир на ин ки танҳо ба соҳаи маориф, балки баҳри барҳам задани камбизоатии падару модарон аз дигар самтҳои стратегияи миллӣ дахл дошт. Сатҳи таъминоти кадрҳои тахассусӣ муътадил гардонида шуданд.

Муносибати эҷодӣ ба таълиму табияи маънавии хонандагон самти асосии ҳамкории педагогӣ дар роҳи истифодаи анъанаҳои халқӣдар раванди таълиму тарбия маҳсуб мегардад. Вазифаи мактаб ҳои озмоишӣ ба он равона карда шуданд, ки вобаста ба усулҳои инноватсионӣ ва дастрасии замонавиитаълиму тарбияи маънавӣ ҷаҳонбинии хонандагони муассисаҳои таълимашон бо забони тоҷикӣ ва русиии гуногунмиллатро бою ғанӣ гардонанд, қобилияти фикриионҳоро ҳаматарафа инкишоф диҳанд, ақида ва афкори устуворонаи кӯдакону наврасонропойдор гардонанд, дар онҳо ҳисси башардӯстӣва лазати зебоипарастиро тарбия намуда, асосҳои ахлоқу одоби шоистаро парвариш диҳанд.

Омӯзгорони фаннӣ дар якҷояги̇ бо роҳбарони синфҳо иҷрои алоқамандии таълиму тарбияи маънавиро вобаста ба санҷиши дониш, маҳорат ва рафтори хонандагон роҳандозӣ менамоянд.

Ҳангоми пурсишнома ва омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогии силсилафанҳои гуманитарӣ,МТМУ-ҳои озмоишии 37ва 92 н. Синои пойтахт, рафти суҳбату мушоҳидаҳо ваиштирок ба дарсҳомуқаррар гардид, ки дар фаъолияти кори хеш дарсҳои гуногуншакли корҳои мустақилона, такрорӣ ва чамъбасткунӣ на танҳо ба инкишофи нутқи шифоҳӣ, балки ба инкишофи нутқи хаттии хонандагонтаъсири мусбат мерасонидаанд. Пас дар охири ҳар чоряк ва ҷамъбасти солона тафтиши корҳо дар шакли рейтингҳо, диктант, иншо ва дигар корҳои хатию шифоҳиихониши ифоданоки адабиёти бадеӣ ва нақли лаҳзаҳои алоҳидаи мазмуни асарҳо, машғулиятҳои эҷодӣ ташкилу гузаронида мешаванд.

Бахри омӯзиши чуқури фанҳои забонва адабиёти тоҷик ва забони русӣ дар раванди таълими усули ҳамгиро китобхонаи мактаб бо раҳнамоии омӯзгорон истифода бурда мешавад, ки дар он шароити лаҳзаҳои саволу ҷавоб тариқи рӯқъахо(картотека) ва таҳлили лаҳзаҳои ҷолиби диққати адабиёти бадеӣ фароҳам оварда мешавад. Онҳо сипас ба саволҳои КВН(маҳзар) ва викторинаҳо ҷавобҳои мушаххас гирифта, баҳри хониши ифоданок тариқи луғатомӯзӣ адабиёти лозимиро дарёфт менамоянд.

Омӯзгорон усулҳои замонавиро доир ба инкишофи нутқи хонандагон аз матнҳои хондашуда ҷудо намуда, баҳри бехато истифода намудани хонандагон такроран дарсҳои иловагӣ ташкил мекунанд, ки он ба муоширати озоди суханронии забони русӣ мусоидат мекунад.

Дар ҳамкорӣ бо омӯзгорони муаасисаҳои таълимии озмоишии№№ 37, 92 ш. Душанбе, гимназияи тоҷикӣ –русии ба номи А.С. Пушкинин. Рӯдакӣ, литсейи № 1 н. Ёвон, МТМУ-1 н. Роғунмо баҳри тадбиқи Консепсияҳои миллии маълумот ва миллии тарбиясару кор гирфтем, ки чунин тадбир ба такмили савияи илмӣ-эҷодии хонандагон мусоидат намуд. Дар таҳқиқ, санҷищ ва тафтиши барномавии натиҷаи таҳқиқот вобаста ба раванди сосиологии таҳқиқот қисматҳои таълимӣ-маърифатӣ, меҳнатӣ, ахлоқӣ, башардӯстӣ, зебоипарастӣ ва ҳуқуқии ташаккули сифатҳо ва арзишҳои маънавии хонандагонба инобат гирифта шуданд.

Бо ибтикори омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ва забони русӣ дар раванди таълиму тарбияба хонандагон маданияти интелектуалию зеҳнӣ омӯзонида шуда, малака ва маҳорати коммуникативии аз бар намудани мустақилияти худомӯзӣ, донишандӯзии инкишофи нутқи хаттию шифоҳии хонандагон такмил дода мешаванд. Дар ҷараёни ташкили ҳамкориҳо байни хонандагонва байни омӯзгорону хонандагон бо истифода аз усулҳои замонавии дарсӣ ва истифодаи аёнияти техникӣ ба такмил ёфтани сифати донишандӯзии хонандагон мусоидат намуданд.

Коллективҳои педагогии муассисаҳои озмоишии номбурда дар вақтҳои фориғ аз дарс ба тайёр намудани таҷҳизоти синфхонаҳои фаннии забон

ваадабиёти тоҷик ва забону адабиёти рус машғул гардида, бо маводи зарурии таълимӣ ва тарбиявии конфронсу семинарҳо, КВН(маҳзар), викторинаю мизҳои мудаввар, реферат ва рӯзномаҳои деворӣ, шиору овезаҳои пандомӯз таъмин мегардонанд.

Дар ин дафтари методӣ корҳои беҳтарини омӯзгорони забони русӣ ва забон ва адабиёти тоҷик,маводҳои намунавии конфронсу семинарҳо ва мизҳои мудаввар, коркарди дарсҳои иникоскунандаи усулҳои интерактив ва ҳамгиро, нашрияҳои методӣ, ҳамчунон маводи таълимӣ барои ташкилу гузаронидани олимпиадаҳо ва озмунҳои фаннӣ, натиҷагириҳо, нақшаҳо ва чорабиниҳои худидораи талабагӣ бо тартиб ҷой дода шуданд.

Ба ҳамин тариқ, ҳамоҳангии фанҳои забонва адабиёти тоҷик бо забони русӣ ба баланд гардидани иқтидори сифатӣ ва арзишноки таълиму тарбияи маънавии хонандагон оварда мерасонанд ва дар муносибат бо падару модарон хонандагон бо омӯзгорон дар доираи башардӯстӣ мусоидат мекунанд. Чунин тадбири ҳамкориҳо дар раванди ҳамоҳангсозииараванди таълиму тарбия ба камгардидани ихтилофу зиддиятҳо дар доираи Консепсияи миллии тарбия мувофиқат намуданд.

Дар боби сеюми диссертатсия **«Иникоси масъалаҳои инкишофи маънавии хонандагон дар руҳияи анъанаҳои миллии халқи тоҷик»** хусусиятҳои иҷтимоӣ-педагогииананъанаҳои миллӣ, тантанаи расму оинҳои накуҳисоли тоҷик, тавсифи касбу ҳунарҳои дӯзандагӣ, дуредгарӣ дар ташаккули сифатҳо ва арзишҳои маънавии шахсияти хонандагон ва дигар масоили мубрами ҳунарварӣ иникос гардидаанд.

Муаллиф бар хилофи  расму таомули гузаштаи зараровари реаксионӣ дар асоси маводи амалӣ исботи асосноки  таърихии ҷамиятӣ-сиёсии замони давлатдории Сомониён,ананаҳои миллии прогрессивиро рӯйи кор оварда, ба ташаккули сифатҳо ва арзишҳои маънавии хонандагон созгор будани адабиёту маданияти баланди халқи тоҷикро тасвир намудааст.

Ба мо танзими расму оини замони куҳна ва хурофотҳои динӣ, маълуманд, ки агар дар мамлакатҳои мусулмонии хориҷ аз кишвари мо бо тартиботи навузамонавӣ ва бехароҷоти зиёдатӣ ташкилу гузаронида шаванд, вале дар сар тосари кишвари мо мардум ба дараҷаи исрофкорӣ ва хароҷоти зиёдатӣ роҳ медиҳанд, Маросим ва тантанаҳои идонаи мамолики хориҷӣ аз он ҷиҳат барои мо намунаи ибратанд,ки  идҳои муқаддаси Қурбон ва Рамазон ба муносибати савобу кумакҳо барои эҳтиёҷмандон сурат гиранд, дар мо бошад, то фарорасии ин идҳои муқаддас нархи маводи хурокворӣ боло меравад ва ҳамзамон хароҷоти зиёдатӣ, исрофкорӣ меафзоянд.

Пас аз фавт муҳим он аст, мувофиқи талаботи Ислом бояд ба дуруду дуойи хайр қаноат ҳосил кард, вале вобаста ба одатҳои хурофотӣ ва расму оини куҳна маросими серхарҷ ташкил намуда, ду-се намуд таому хӯроквориҳои сермасраф ташкил мекунанд, ки дар Ислом қабул нест. Қобили қайд аст, ки дар ягон мамлакати мусулмонӣ чунин чорабинии ғайримуқаррарӣ бетартибона аз номи дини Ислом гузаронида намешавад. Баъзан кор ба дараҷае мерасид, ки дар чунин чорабиниҳои ҳоҷиталабон ва мавлудхонӣ, баъзан ҷумъагӣкассе ки чизе  мехост, баён мекард.  Ҳамзамон ғайри қонуну қоида ҳар гуна варақаю китобча ва дастурҳои зиддиҷамиятӣ

паҳн мекарданд, ки боиси бероҳатӣ ва бетартибии омма мегардиданд. Дар чунин ҳолат давлат вазифадор аст, ки баҳри муътадил гардонидани вазъи ногувор аз болои ташкилотҳои динӣ фаъолияти назоратӣ барад.

Дар бораи сатҳи истифодабарии анъанаҳои прогрессивии халқӣ (расму оинҳои мардумӣ) дар тарбияи маънавии хонандагон ҷадвали таҳқиқотии минбаъда шаҳодат медиҳад(Ниг. ба ҷадвали № 6).

**Ҷадвали 6.** ***Сатҳи истифодабарии анъанаҳои прогрессивии халқӣ дар тарбияи маънавии хонандагон***

| № мактаб | Миқдори омӯзгоронипурсид ашуда | Мунтазамистифод а мебаранд | Қисманистифода мебаранд | Истифода намебаранд | Миқдори волидони пурсидашуда | Мунтазамистифод а мебаранд | Қисман истифода мебаранд | Истифода намебаранд |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| МТМУ № 37 ш. Душанбе | 50 | 34 | 16 | | 50 | 31 | 10 | |
| МТМУ № 1 ш. Роғун | 50 | 32 | 18 | | 50 | 28 | 12 | |
| Лицейи № 55 ш. Душанбе | 40 | 27 | 13 | | 40 | 25 | 5 | |
| Гимназияи тоҷикӣ-руссии ба номи А.С. Пушкини н. Рӯдакӣ | 40 | 39 | 11 | | 40 | 24 | 7 | |
| МТМУ№ 92 ш. Душанбе | 60 | 40 | 20 | | 60 | 34 | 7 | |
| Лицейи № 1 н. Ёвон | 40 | 29 | 11 | | 40 | 24 | 8 | |



### *Диаграмма 3. Сатҳи истифодабарии анъанаҳои прогрессивии халқӣ дар тарбияи маънавии хонандагон*

*Доир ба риоя намудани расму оинҳои манфӣ дар доираи тарбияи маънавии хонандагон ҷадвали 7 ва диаграммаи 4 шаҳодат медиҳанд.*

**Ҷадвали 7.** ***Риояи расму оинҳои манфӣ дар доираи тарбияи маънавии хонандагон***

| № мактабҳо | Миқдори омӯзгорони пурсидашуда | Мунтазам риоя мекунанд | Қисман риоя мекунанд | Риоя намекунанд | Миқдори волидони пурсидашуда | Мунтазам риоя мекунанд | Қисман риоя мекунанд | Риоя намекунанд |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| МТМУ № 37 ш.Душанбе | 50 | 35 | 14 | 1 | 50 | 25 | 11 | 14 |
| МТМУ № 1 ш. Роғун | 50 | 33 | 17 | 0 | 50 | 27 | 18 | 15 |
| Лицейи № 55 ш. Душанбе | 40 | 30 | 10 | 0 | 40 | 20 | 16 | 4 |
| Гимназияи тоҷикӣ-русии ба номи А.С. Пушкини н. Рӯдакӣ | 40 | 28 | 12 | 0 | 40 | 19 | 6 | 5 |
| Лицейи № 1 н. Явон | 40 | 26 | 14 | 0 | 40 | 20 | 15 | 5 |
| МТМУ № 92 ш. Душанбе | 50 | 35 | 15 | 0 | 50 | 25 | 10 | 5 |



**Диаграммаи 4.*Риояи расму оинҳои манфӣ дар доираи тарбияи маънавии хонандагон***

Ислом илму маорифро рад намекунад. Баракс оятҳои Қуръон ва ҳадисҳои пайғомбар мусулмононро ба омӯзиши илму маданият даъват мекунанд. Ба он нигоҳ накарда, ки мактабҳои динӣ ва мадрасаҳо аз давлат ҷудо карда шуда, мустақилона амал мекунанд, мо наметавонем ба қисмати ҳазорҳо ҷавону наврасони дар таълимгоҳҳои динӣ ва донишкадаю мадрасаҳо ва зиёда аз 20 талимгоҳҳои хусусӣ таҳсилкунандабепарво бошем. Вақти он расидааст, ки барои таъмин ва маблағгузории Донишгоҳи динии Тоҷикистон аз ҳисоби давлат ва ташкили таълим вобаста ба меъёрҳои замонавӣ дар қатори донишҳои исломӣ ба барномаҳои таълимӣ омӯзиши забон ва адабиёти тоҷик, таърихи халқи тоҷик, технологияи иттилоотии ҳозиразамон, фалсафа, мантиқ ва забонҳои хориҷиро низ ворид созем. Фаққат дар ҳамин сурат мақоми донишкада ва мадрасаҳои Тоҷикистонро дар раванди таълиму тарбияимаънаввии мутахассисон ва намояндагони дин дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва ҷалби хатмкукнандагон дар ҳама сохторҳо таъмин намуда, дар созандагии кишвар саҳми арзанда гузорем.

Вобаста ба талаботитараққиёти ҷамъият ва бо мақсади ҳифзи арзишҳои миллии фарҳангӣ, эҳтиром ба арзишҳои анъанаҳои мардумӣ барои ба дараҷаи баланд бардоштани самтҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии маълумот, некуаҳволии халқ Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶТ» бо имзои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тасдиқ карда шуд, ки вазифаи он иборат аз камҳарҷу муратаб гардонидани ҷашну маросимҳо дар доираи дастовардҳои тамаддуни умумиинсонӣ иборат мебошад.

Дар ин самти кори таҳқиқот тавассути усули муқоисамуқаррар намудани тамоюлҳои мусбату манфии расму оинҳо ва одатҳои хурофотии мардумӣ роҳандозӣ карда шуданд, ки дар ҷараёни демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ баҳри дуруст истифода намудани онҳо дар тарбияи маънавии хонадагон мусоидат мекарда бошанд. Дар асоси технологияи навини раванди таълиму тарбия Ассоситсияи омӯзгорони эҷодкор таъсис дода шуд, ки дар ҳамаи самтҳои корӣ баҳри бой гардонидани таҷрибаи пешқадамипедагогӣ шаклу усулҳои самарабахши маърифатӣ ба роҳ монда шуда, роҳҳо ва шартҳои некбинонаи пурсамар гардонидани сифатҳо ва арзишҳои маънавии хонандагонроҳандозӣ карда шуданд.

Аз солҳои 80 асри гузашта сар карда ғояи педагогикаи ҳамкорииомӯзгорон ва донишмандони рус В.Ф. Шаталов, Е.Н. Илина, С.Н. Лисенкова, И.Т. Волкова, М.П. Шетинина, А.Азизов М. Халифаевва дигарон дар таҷрибаи омӯзгорони муассисаҳои озмоишӣ ҷорӣ карда шуд. Принсипҳои педагогкаи ҳамкорӣ аз ҷорӣ памудани фаъолияти инсонгароӣ дар ҷараёни таълиму тарбия, нест гардонидани ҳиссиёти тарсу ваҳм, афзун намудани мустақилият ва фаъолияти озоди хонандагон ва зиёда намудани боварии хонандагон ба қобилияту неруи маънавиашон иборат буд.

Бо мақсади небинона гардонидани кори таълиму тарбия ва фаъолияти босифати маърифатии хонандагон ғояи педагогикаи ҳамкорӣ дар ҳама самтҳои таълимӣ ва корҳои бурун аз синф васеъ ба роҳ монда шуданд.

Ҳамагон ба корҳои ҳамкорӣ ва ёрии байни ҳамдигариихонандагону омӯзгорон диққати ҷиддӣ медодагӣ шуданд. Эҳёи педаголгикаи ҳамкорӣ минбаъд ба кори ташаккули сифату самара ва арзишҳои маънавии шахсияти кӯдакон мусоидат намуд.

Педагогикаи ҳамкорӣ аз раванди педагогикаи анъанавӣ бо он фарқ мекунад, ки ба ҳамдигарфаҳмии хонандагону омӯзгорон такя намуда, моҳиятан навовариҳоро бо донишҳои мустақилонаи хонандагон бе дахолати омӯзгорон мушкилоти бамиёномадаро худ ва коллективона бартараф мекунанд. Намунаи коркарди фазои тахаюлоти фикрии хонандагонро В.Ф. Шаталов ба кор бурда, натанҳо ба кӯшишу ғайрати мақсадноки шогирдон ноил гардидааст, балки боварии онҳоро ба майлу рағбати беандоза барои ҳаллу фасли мушкилот афзун мекунад. Дар инкишофи тахаюлоти эҷодии хонандагон нақшибонизоми гуногуншакли С.Н. Лысенкова мебозад, ки қисматҳои такягоҳии раванди таълимро истифода бурдааст. Инчунин фароҳамоварии лаҳзаҳои проблемавии И.П. Волков хонадагонро аз бисёр мушкилот низ раҳо месозанд.

Ғояи омӯзиши қисматҳои калонҳаҷми мавзуҳо ба омӯзгорони навовар имкон фароҳам овардаанд, ки шогирдонашон маводи таълимиро ба таври комплексӣ аз худ намоянд. Дар ин сурат омӯзгорони пуртаҷриба ба хонандагон имконият медиҳанд, ки худ ба таври инфиродӣ ва ё коллективӣ корҳои ҳамдигариро таҳлил намоянд ва ба дараҷаи дониши ҳамдигарбаҳо диҳанд. Барои омӯзгорони навовар вобаста ба талаботи замон хусусияти фарққунанда бо хонандагон дар муошрати демократӣ, яъне фазои озоди таълимӣ будан аст, ки барои ҳаллу фасл намудани усулҳои проблемавии таҳсилот дар ҳама зинаҳои таълим баҳри тарбияи маънавӣ шароит фароҳам меоваранд, ба инкишофи қобилияти эҷодӣ мусоидат мекунад.Фароҳам овардани таълими проблемавӣ ва ё лаҳзаҳои донишандӯзии хонандагон барои омӯзгорони бомаҳорати педагогӣ дар амал тадбиқ намудани донишҳои назариявӣ мебошанд. Бо мақсади такмил додани маҳорати педагогии омӯзгорон ва раванди некбинонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои озмоишӣ ва такягоҳӣба мо муяссар гардид, ки барномаи васеъи кори таълиму тарбияи муовиеиони директор, ташкилотчиёни корҳои тарбиявӣ ва роҳбарони синфҳородар мавзуи «Нақши анъанаҳои миллии халқи тоҷик дар таълиму тарбияи маънавии хонандагон»вобаста ба фаъолияти ҷамъиятии хонандагон роҳандозӣ неамоем. Дар шакли нишондодҳои методӣ қисме аз тавсияҳои нашргардидаро дастраси омӯзгорон гардонидем.

Дар раванди талими ҳамгиро ва тафриқа олимони тоҷик М. Луктфулозода Ф. Шарипов, У. Зубайдов, Б. Бойев ва дигарон саҳми арзанда доранд, ки дар таҳқиқоти мо баҳри рушду такомули педагогикаи ҳамкорӣ мавқеи муҳимро ишғол намуданд. Агар таълими ҳамгиро дар таҷрибаи педагогикаи ҳамкорӣ қисми ҷудонашавандаи ҳамбастагии таълиму тарбияи маънавии хонандагонро аз синфҳои ибтидоӣ то ба зинаҳои боли таълим ташкил намояд, пас таълими тафриқа барои тарбияи синфҳои боло баҳри инкишофи ҳаматарафаи сифатҳо ва арзишҳои маънавии шахсияти хонандагонмусоидат мекунад. Дар замони истиқлолияти давлатии тоҷикон ба кодекси ахлоқи ниёгон,қисмати маънавии «Қуръон»,«Инҷил»ва ҳадисҳои

пайғомбари алайҳи салом(С)такя намуда, нишондоди зеринро намуна овардан айни мудаост, ки дар мактаҳои озмоишӣ чунин тасвир карда шулаанд:

Илм – бузургтарин нерӯи инсоният.
Дониш манбаи муоширати байни одамон аст.
Олим туҳфаи худододии халкаст.
Ҳар кори нек ғалаба бар бадӣ мебошад.

Дониш ганҷест, ки онро дузд ҳам рабуда наметавонад.

Шогирд ҳеҷ гоҳ аз устод дар пеш истода наметавонад.

Баҳри фаъолияти гуногунҷабҳа байни муассисаҳои таълимии озмоишӣ, такягоҳӣ ва мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ барои хонандагони душвортарбия робитаиҳамбастагӣва ҳамкории педагогӣ ташкил карда шуд, ки онҳо дар ҷамъбастиҳар чоряк таҷриба иваз мекарданд. Бо мақсади озодона бо забони русӣ муошират намудан ва чуқур аз худ намудани забони тоҷикӣ ва русӣ методикаи иттилоотӣ барқарор карда шуд. Педагогикаи ҳамкорӣ байни онҳо дар робитаи қавъӣ ва ёрии байниҳамдигарӣ ба роҳ монда шуда. Бо роҳбарии омӯзгорони пуртаҷриба озмунҳои расми беҳтарин, маҳфили худфаъолиятии бадеӣ, саёҳат ба осорхонаҳои шарафи меҳнатӣ ва ҷангӣ, иштирок ба дарсҳои кушод ва соатҳои тарбиявӣ, ташкили рукъаҳо ва гербарияҳо, омӯзиши анъанаҳои миллӣ ва чашну маросимҳои мардумӣ ба роҳ монда шуданд

Дар раванди таълиму тарбия омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти точик, забони русӣ ва роҳбарони синфҳои озмоишӣ матнҳои адабӣ,дастурҳои методӣ, воситаҳои айёнии таълимро дар дарсҳо ва чорабиниҳоиберун аз дарсҳо ба роҳ монда, баҳри такмили савияи дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии маънавӣ аз асарҳои шоиру нависандагони тоҷику рус Фирдавсӣ,А.С. Пушкин, Ҳофиз И. С. Есенин, А. Лахутӣ, В.В.. Маяковский, С. Айнӣ, М. Горкий ва дигарон истифода мебаранд. Чунин робитаи наздики ҳамкорӣ бевоста ба ёрии байни ҳамдигарӣ ва рафоқати башардӯстонаихонандагон мусоидат намуда, дар натиҷаи муоширати фаъолонаи онҳо ба маданиятнокии баланди донишандӯзӣ, ташаккули сифатҳо ваарзишҳои маънавии шахсияти хонандагон оварда мерасонанд. Дар амалияи педагогикаи ҳамкории муассисаҳои номбурдаи озмоишӣ ва такягоҳӣ роҳхои асосии шартҳо, воситаҳо ва муносибатҳои эҷодӣ, омӯзиши мероси педагогии ниёгон ва педагогикаи мардумӣроҳандозӣ карда шуданд.

Осорхонаҳо вагӯшаҳои таърихӣ-кишвашиносии муассисаҳои озмоишӣ дар асоси ҷамъвариҳои маводу экспонатҳои қадима, вохӯриҳо бо мутахассисони гуногунсоҳаташкилуроҳандозӣ карда шуданд.Дар раванди саёҳат дар доираи солҳои 2019-2020 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва ташкили ҷашнвораҳои қадимаи миллии Наврӯз, Меҳргон ва Сада, ки мазмуни дар рӯҳияи ананаҳои миллии халқи тоҷик тарбия намудани наврасону ҷавононро дорад, мероси пурғановати ниёгон ба ташаккули ғояҳои худшиносӣ ва ташаккули сифатҳо ва арзишҳои баланди маънавии шахсияти кӯдакону наврасон мусоидат мекунанд. Ҳангоми ҷашнгирии иди Наврӯз аз рӯи анънаҳои миллӣ Бобои Деҳкон намоиши кишту кори баҳориро ба маърази тамошобинону иштирокчиёни маросими тантанавӣ гузошта, бахри дӯстию рафоқати мардуми гуногунмиллати

мамлакат селаи кабутарони сулҳро ба фазои нопайдоканор сар медиҳад; ба хуриши шириниҳои Шарқ даъват мекунад;ба мардум суманак, кулча, ҳалво, мурабо,.нону намак ва дастархони ҳафт сину ҳафт шинро пешниҳод карда, бахри шодию хурсандии хурду калон консерти идона эълон мекунад. Маросими ҷашнвораи иди Наврӯз пас аз консерт иштирокчиён, яъне хонандагонро ба сайёҳати гӯшаҳои таърихӣ-кишваршиносӣ ва осорхонаи миллии мактабӣ раҳнамун месозад

Дар муассисаҳои таълимии мамлакат анъна шудааст, ки Наврӯз даршакли саҳначаи бадеӣ гузаронида шавад. Яке аз шаклҳои анънавии он дар шакли озмуни «Аруси сол» чашн гирифтани он аст. Хонандагон дар симои аруси сол зебосанами зеботаринро интихоб мекунанд, ки вай бо тамоми нозукиҳо дастархони пур аз нозу неъматро барои тамошобинон ороиш дода, меҳмононро пазирой намояд, таомҳои ҳафт сину ҳафт шинро пешкаши «меҳмонон» менамояд. Вай ҳамчун рамзи зебой нақши баҳорро мебозад, ки дар натиҷа ба ташаккули маънавии хонандагон ҳусни зебоипарастӣ мебахшад.

Дар баробари он набояд фаромӯш кард, ки анъана ва маросиҳои идона бо таъсири дини Ислом то як дараҷа тағйир ёфта, дар раванди ташкилу гузаронидани расму оинҳои идҳои Қурбон, Рамазон ва хатнатӯйи кӯдакон ба одатҳои манфии хурофотӣ омезиш ёфтанд. Дар замони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ расму оинҳои мардуми тоҷик бо расму оинҳои мардуми гуногунзабони мамлакат бо дӯстию рафоқат ҳамоҳангӣ пайдо намуда, намуди бетартибонаи ғайриодиро гирифтанд, ки акнун вақту фурсати ба танзим даровардани ҷашну маросимҳо ва расму оинҳои омехташуда дар шароити демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ ба миён омаданд.

Қобили қайд аст, ки пеш аз ҳама дар доираи педагогикаи ҳамкорӣ байни хонандагон танҳо он расму оин ва ананаҳои прогрессивиеро мавриди истифода қарор диҳем, ки аз замони ниёгон ба мо мерос гузошта шула, ба ташаккули маънавии кӯдакону наврасон мувофиқ бошанд. Нишондоди намунавии аз ниёгон ба мо мерос гузошташуда, ки ба ҳамкории байни волидон ва омӯзгорон мусоидат намоянд,дар доираи ҷашнгирии идҳои Наврӯз, Меҳргон ва Сада бо усулиҳашар ҷалб намудани хонандагонба корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ ва худхизматрасонӣ мебошад. Агар тавассути чунин усули коллективӣ барои бачагон бо досту теша, белу каланд ва дигар олотҳои меҳнатӣ кор кардан лозим ояд, пас барои духтарон асбобу олотҳои меҳнатии зардӯзӣ, таомпазӣ ва гулпарварӣ мансубанд, ба тарбияи маънавии кӯдакону наврасон ҳам дар оила ва ҳам дар мактаб муносибанд. Дар чунин сурат дар хонандагон талаботи маънавӣ ба хосил намудани дониш ва таҷрибаи ҳунарии созандагӣ, дӯзандагӣ омода сохтани асбобҳои кори рӯзғордорӣ, сарулибоси гуногуншаклбарои арусу домод ва дигар корҳои касбомӯзӣ баҳриба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ омода гардидан муҳайё мегарданд. Дар раванди машғулиятҳои маҳфилу озмунҳои «Дастони мохир», «Чеварони гулдаст» бошад, имконияти аз худ намудани ҳунарҳои мардумиимиллӣ, аз қабили дуредгаарӣ, дӯзандагӣ, расмкашию нақшу нигорбарин касбу ҳунарҳо ҳосил мегарданд.

Таълиму тарбияи дунявӣ, маълумот, илму маориф ва адабиёти бадеӣ аз як тараф, таълимоти Ислом аз тарафи дигар асосҳои маънавии ҷамъиятро

дар тули қарнҳо ташкил намудааст. Дар замони дигаргунсозии ҷамъият Тоҷикистон тавонист робитаҳои иқтисодӣ, динӣ, санъату маданияти халқҳоро бо Ҳиндустон, Эрон,  Федератсияи Россия, мамолики араб, халқҳои Кавказ, Аврупои шарқӣ  ва дигар мамлакатҳои ба мо дӯсти хориҷӣ мустаҳкамупойдор созад. Тамаддуни нави миллӣ дар асоси робитаҳои дӯстона ба омезиши ананаҳои таърихии маданӣ ва маишӣ, ки ба ҷаҳонишавии таҳсилот мусодат намуд,  вобаста ба ҳамоҳангсозии умумибашарӣ дар ҳама намуди соҳаҳо ривоҷу равнақ ёфт. Дар натиҷаи барқарор намудани робитаи байналмилалӣ майлу рағбати наврасону ҷавононбаҳри таҳсил намудан дар мамолики хориҷӣ афзуд, ки он ба баланд гардидани сатҳи маънавии хонандагон мусоидат намуд.

Дар замони истиқлолият ва демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣрасму оинҳои нави прогрессивӣ, ҷамъиятӣ, шаҳрвандӣ, оилавӣ  ва динӣ рӯйӣ кор омаданд, ки ба беҳтар гардидани некуаҳволии хонадони тоҷик роҳандозӣ карда шуданд. Ба ҳамин тариқ, охири асриXX ва оғози асри XX1 дар Тоҷикистон эҳёи нави тамаддуни сиёсӣ, маданӣ ва динӣ бахшид. Кунун мамлакат ба анъанаи таърихии ҳамзистии осоишта такя намуда, ба азнавсозии ҳаёти сулҳҷӯёнаи миллӣ,  давлатӣ ва гузариш ба созандагии демократикунонӣустуворона қадам ниҳод.Қисми ҷудонашавандаи маълумот, илму маориф, санъату маданияти  умумибашарӣба тараққиёти маънавии щахсияти ҳаматарафа ташаккулёфта сабабгор шуданд, ки ба ҳамоҳангсозии ҷаҳонишавии соҳаҳои мухталифи саноат, санъату маданият ва пойдории арзишҳои миллӣ асос гузоштанд. Ҳамин тариқ, ташаккули сатҳи маънавии хонандагон дар шароити кунунӣ он гоҳ амалӣ мегардад. ки агар вобаста ба шартҳои маҳаллӣ ва хусусиятҳои фарққунандаи минтақаҳо танзим намудани анъанаҳои миллӣ дар равандӣ таълиму тарбияи маънавии хонандагон мувофиқат намоянд;

- дар раванди таълиму тарбияи маънавӣ истифода намудани технологияи нави таълим, тарбия ва маълумоти хонандагон зарур аст;

- вобаста ба ташкили анъанаҳои миллӣ тадбиқ намудани роҳҳо ва шартҳои самарабахши баланд бардоштани мақоми рававнди таълиму тарбияи маънавии хонандагон муҳим мебошад;

- омӯзиши ҳунарҳои мардумӣва дини Ислом, ки ба ташаккули сифатҳо ва арзишҳои маънавии хонандагон дар доираи мухолифатҳои ҷойдошта вобаста аст, ба анъанаҳои миллӣмусоидат мекунанд.

